ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН
ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

**Султонмурод Туронов, Муҳаммадалӣ Афғонов**

# РОҲБАРИ СИНФ: САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТ

(Дастури методӣ)

ДУШАНБЕ - 2011

ББК 82.4 тоҷик-1+74. 261.5

Т – 91

Т – 91. **Султонмурод Туронов, Муҳаммадалӣ Афғонов.** Роҳбари синф: самтҳои фаъолият (дастури методӣ). – Душанбе, «Маориф ва фар?анг», 2011, 47 с.

Муҳаррир: Маҳмадшарифи Рустам

Муҳаррири техникӣ: Кӯчакшоев Давлатназар

Шӯрои илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба чоп тавсия намудааст

Ҳадаф аз таҳияи дастури мазкур ёрӣ расонидан ба омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар кори дуруст роҳандозӣ намудани раванди таълиму тарбия мебошад. Дар дастури методии «Роҳбари синф: самтҳои фаъолият» шаклу усулҳои фаъолияти роҳбари синф дар мактаб ва берун аз он баррасӣ шудаанд.

ISBN 978-99947-1-068-3 ББК 82.4 тоҷик-1+74. 261.5

© Туронов С., Аф?онов М.

## Мундарича

Муқаддима------------------------------------------------------- 4-5
1.Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои падару модар дар таълиму
тарбияи фарзанд-------------------------------------------------------- 6-10
-
2. Ӯҳдадориҳои омӯзгор, мақомоти давлатӣ, муассиса
ва дигар ташкилотҳое, ки масъалаҳои вобаста ба 10-12
таълиму тарбияи кӯдакро танзим мекунанд.---------- 12-18
3. Низомномаи роҳбари синф ------------------------------------ 18-20
4. Вазифаҳои хидматии омӯзгор, роҳбари синф -----------
5. Ташкили корҳои беруназсинфӣ – омили пешрафти 20-23
тарбия------------------------------------------------------------- 23-28
6. Роҳбари синф -- равоншинос -------------------------------- 28
7. Банақшагирии ҳуҷҷатҳои роҳбари синф ---------------- 29-32
9. Намунаи нақшаи маҷлисҳои падару модарон ---------- 32-33
10. Намунаи нақшаи маҷлисҳои синфӣ ----------------------- 33-45
11. Намунаи мавзӯъҳои соатҳои тарбиявӣ ------------------ 45-46
12. Намунаи нақшаи корҳои тарбиявии синфӣ ------------ 46
13. Тарҳи дафтарҳо ---------------------------------------------

# МУҚАДДИМА

Тарбия падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ буда, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷамъият хизмат менамояд. Он ҳамчун фаъолияти махсуси мақсадноки инсон барои рушди шахс ва ворид шудани инсон ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равона мешавад.

Муассисаи таълимӣ макони шоиста дар парвариши ахлоқии насли наврас буда, дар ташаккули симои маънавии фард нақши бориз ва муфид мебозад. Дар ҳақиқат, мактаб маҳалли асосии парвариши арзишҳои ахлоқӣ буда, аз тарбиятгирандагони ин макони адабомӯз салоҳият ва садоқати хосаро интизор аст.

Бояд гуфт, ки раванди корҳои тарбиявӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ пас аз қабули «Консепсияи миллии тарбия» (2006) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2011) мазмуни нав пайдо намуд. Моҳият, мақсаду вазифаҳо ва мазмуни тарбия низ комилан бо арзишҳои ахлоқӣ ва фарҳангии миллат мутобиқ карда шуд. Ҳамзамон, ҷомеаи рӯ ба рушди тоҷикон зарурати таҳия ва қабули ин ҳуҷҷати бағоят муҳимро қабл аз ҳама дар он арзёбӣ мекунад, ки давлати тоза ба истиқлолрасидаи мо ниёзи бештар ба тарбияи густурдаи миллӣ дорад. Чуноне дар Консепсияи зикршуда таъкид шудааст: «Рушди минбаъдаи он ба тарбияи шахсиятҳои сатҳи баланди ахлоқӣ, дунёи пурғановати маънавӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллидошта, риоягари қонунҳо, ҳуқуқҳо, озодиҳо, заҳматписанду зебопараст, сарфаю сариштакор, ботаҳаммулу тоқатпазир, масъулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор вобаста аст. Тарбияи чунин шаҳрвандон вазифаи давлат, ҷомеа ва оила аст».

Қобили зикр аст, ки тарбияи насли наврас вазифаи сангин ва заҳматталаб мебошад. Вазъи кунунии ҷомеа дар назди кормандони соҳаи маориф вазифа мегузорад, ки ба тарбияи наврасон бо ҷиддият муносибат кунанд. Рисолати омӯзгор, хосатан роҳбари синф дар ҷараёни таҳсилоти мактабӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар болоравии сатҳи фарҳангии ҷомеа нақши муассир гузорад.

Дар ин роҳнамо мақсад гузоштаем, ки доир ба мавзӯъҳои мух-талифи тарбия изҳори андеша намуда, дар мушаххас намудани бар-хе аз нозукиҳо ва ниёзмандиҳои ахлоқӣ, ки дар тарбияи макта-биён лозим ва зарур меҳисобем, нуқтае афзуда бошем. Махсусан, дар ин ҷо намунаи нақшаҳои корӣ ва тарбиявии роҳбари синфро таҳия ва танзим намуда, андеша бар он дорем, ки ин пешниҳодот қобили пазириши ҳамкасбон қарор гирифта бошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», моҳияти баланди тарбиявӣ дошта, омӯзгорон, бахусус, роҳбарони синфҳоро водор месозад, ки дар ҳамкорӣ бо падару модарон ба таълиму тарбияи шогирдон бештар таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, дар ин бобат аз роҳу усулҳои гуногун пурсамар истифода баранд. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳояшонро тибқи Қонуни мазкур риоя ва таъмин намоянд.

Аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»

БОБИ 2

## Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд

### Моддаи 6. Баробарии ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои падару модар

Падару модар новобаста ба он ки якҷоя ё ҷудо зиндагӣ мекунанд, дар таълиму тарбияи фарзанд ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои баланд доранд, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Моддаи 7. Ҳуқуқҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд

Падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ҳуқуқҳои зерин доранд:

- ҳуқуқ ва манфиатҳои фарзандро ҳимоя намоянд;
- шакл намуд ва усули таълим, муассисаҳои таълимиро, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, интихоб намоянд, агар ин шакл, намуд ва усул ба вазъи саломатӣ ва рушди маънавии фарзанд таъсири манфӣ нарасонад;
- дар раванди таълиму тарбия, аз ҷумла назорати сатҳу сифати таълим ва донишандӯзии фарзанд дар муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ иштирок ва мусоидат намоянд;
- ба мақомоти дахлдор ҷиҳати беҳтар намудани сатҳу сифати таълиму тарбияи фарзанд дар муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ бо пешниҳод муроҷиат кунанд;
- дар муносибатҳои ҳуқуқӣ намояндаи қонунии фарзанд бошанд;
- риояи ҳуқуқи фарзандро дар раванди таълим дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот талаб намоянд;
- ба фаъолияти муассисаи таълимие, ки фарзандашон дар он таҳсил мекунад, мусоидат намоянд;

- ба раванди таълиму тарбия, мазмуни таҳсилот,давомот ва сатҳу сифати донишандӯзии фарзанд шинос шавад;
- дигар ҳуқуқҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, иҷро намоянд.

## Моддаи 8. Ӯҳдадориҳои падару модар дар тарбияи фарзанд

Падару модар дар тарбияи фарзанд ӯҳдадориҳои зерин доранд:
- ба фарзанд тибқи арзишҳои миллӣ номи нек гузоранд;
- пас аз таваллуд фарзандро дар мӯҳлати то се моҳ аз қайди давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ гузаронанд;
- барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанд шароит муҳайё намоянд;
- фарзандро ба зиндагии мустақилона омода намоянд;
- фарзандро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд;
- гаштугузори фарзанди то шашсоларо бе ҳамроҳии шахси аз чордаҳсола боло дар кӯча ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ иҷозат надиҳанд;
- шаъну шарафи фарзандро эҳтиром намоянд ва ба муомилаи бераҳмона нисбат ба ӯ роҳ надиҳанд;
- новобаста ба ҷинс, синну сол, қобилияти зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва рӯҳии фарзанд, нисбат ба ӯ баробар муносибат намоянд;
-дар вақти шабона ба марказҳои дилхушӣ рафтани фарзанди то бистсолаашонро манъ намоянд;
- кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ, муомилаи дағалона бо атрофиён, халалдор намудани оромӣ, истифодаи суханҳои қабеҳ, рафтори дағалона дар кӯчаҳо, хиёбонҳо, майдонҳо, муассисаҳои фароғатӣ, дохили нақлиёт, хобгоҳҳо, манзили зист, дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва муносибати тахрибкоронаи фарзандро ба муҳити зист пешгирӣ намоянд;
- ба фарзанди то синни мактабӣ ва фарзанде, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, таҳсил мекунанд, бо худ овардан ва истифодаи телефонҳои мобилиро манъ намоянд;
- ба фарзанд тамошои филмҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, зӯроварӣ, экстремистӣ ва террористиро манъ намоянд;
- ба фарзанд мутолиа ва паҳн кардани сабтҳои электронӣ (аз ҷумла, тариқи телефонҳои мобилӣ), китобҳо, варақаҳо, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва дигар маводи чопии дорои хусусияти шаҳвонӣ, зӯроварӣ, экстремистӣ ва террористиро манъ намоянд;

- иштироки фарзандро дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ба истиснои фарзандоне, ки ба таври расмӣ дар муассисаҳои динӣ ба таълим фаро гирифта шудаанд, иҷозат надиҳанд;
- барои фарзанди то бистсола истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ (аз ҷумла, пиво), воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, маҳсулоти тамоку (аз ҷумла, нос) ва маводи сахттаъсирро манъ намоянд;
- иштироки фарзандро дар чорабиниҳои барои ӯ тавсиянашуда иҷозат надиҳанд;
- гирифтани шаҳодатномаи ҳуқуқи ронандагӣ ва рондани автомобилро барои фарзанд иҷозат надиҳанд;
- ба оворагардӣ ва дигар рафторҳои зиддиахлоқӣ машғул шудани фарзанд роҳ надиҳанд;
- ба ҷалб намудани фарзанд ба корҳои хавфнок ва вазнини ба саломатии ӯ зараровар ва ҳамчунин дигар корҳое, ки ба инкишофи мӯътадили ҷисмонӣ ва равонии фарзанд халал мерасонанд, иҷозат надиҳанд;
- фарзандро ба фаъолияти соҳибкорӣ ва харидуфурӯш, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат додааст, ҷалб насозанд;
- бе ҳамроҳии шахси болиғ гаштугузор кардани фарзанди то шонздаҳсоларо дар ҳудуди биною иншооти техникӣ, таҳхонаҳо ва болохонаҳои биноҳои истиқоматӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо, ҳудуди нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ, саристгоҳҳои роҳи оҳан, фурудгоҳҳо ва саристгоҳҳои нақлиёти мусофирбар манъ намоянд;
- дар ҷойҳои ҷамъиятӣ навиштан, ифлос намудан ва расонидани зарарро аз ҷониби фарзанд манъ намоянд;
- дастрасии фарзандро ба маводи сӯзандаю тарканда пешгирӣ намоянд;
-истифодаи ҷавоҳирот, зару зевар, дигар ашёҳои қиматбаҳо (ба истиснои як ҷуфт гӯшвора барои духтарон)-ро аз тарафи фарзанд дар муассисаҳои таълимӣ ва холкӯбиро барои фарзанд манъ намоянд;
- ба шикастани панҷараҳо, санги болои қабрҳо, ҳайкалҳо, нимпайкараҳо ва дигар ороишоте, ки дар оромгоҳҳо ва ҷойҳои таърихию фарҳангӣ мавҷуданд ва тахриб кардани онҳо аз тарафи фарзанд роҳ надиҳанд;
- дигар ӯҳдадориҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, иҷро намоянд.

**Моддаи 9. Ӯҳдадориҳои падару модар дар таълими фарзанд** Падару модар дар таълими фарзанд ӯҳдадориҳои зерин доранд:

- ба фарзанди то шашсола барои гирифтани таълиму тарбияи томактабӣ шароит фароҳам оваранд;
- ба таълим фаро гирифтани фарзандро таъмин намуда, ба таҳсили ӯ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ монеъ нашаванд;
- фарзандро бо воситаҳои зарурии таълимӣ таъмин карда, барои таълими ӯ шароити муносиб муҳайё намоянд;
- риояи пӯшидани либосҳои расмии мактабиро аз ҷониби фарзанд дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таъмин ва назорат намоянд;
- ба фарзанди имконоти маҳдуди ҷисмонӣ ва рӯҳӣ доштаи худ барои таҳсил кардан ва касбу ҳунар омӯхтан шароит муҳайё 8сохта, иллати ҷисмонӣ ва рӯҳии ӯро пинҳон накарда, дар сурати набудани шароит барои таълими фарзанд ба муассисаҳои дахлдори давлатии соҳаи маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ муроҷиат намоянд;
- аз вазъи фарзанде, ки дар мактаб-интернатҳо ва дигар муассисаҳои махсусгардонидашуда, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, таълиму тарбия мегирад, хабардор шуда, бо чунин муассисаҳо ҳамкорӣ намоянд ва раванди таълими фарзандро дар ин муассисаҳо зери назорат гиранд;
- донишандӯзӣ ва иштироки фарзандро дар раванди таълим назорат карда, бо омӯзгорон, ҳайати кормандон ва роҳбарияти муассисаи таълимӣ оид ба таълими фарзанд мунтазам ҳамкорӣ намоянд;
- дар маҷлисҳои падару модарон ва дигар чорабиниҳои мактабӣ бо даъвати маъмурият тибқи талаботи оинномаи муассисаи таълимӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иштирок намоянд;
- талаботи оинномаи муассисаи таълимиро, ки фарзандашон дар он ҷо таълим мегирад, иҷро намоянд;
- ҷалби фарзандро барои гирифтани таълим дар таълимгоҳҳои ғайриқонунӣ ё дар назди шахсони алоҳидаи бе иҷозатнома фаъолияткунанда манъ намоянд;
- таълими фарзандро дар хориҷи кишвар бе розигии хаттии мақомоти ваколатдори давлатӣ иҷозат надиҳанд;
- дигар ӯҳдадориҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, иҷро намоянд.

## БОБИ 3

### . Моддаи 10. Ӯҳдадориҳои фарзанди болиғу қобили меҳнат дар нигоҳубин ва таъмини падару модар

1. Фарзанди болиғу қобили меҳнат ӯҳдадор аст, ки падару модари худро нигоҳубин ва таъмин намуда, онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ дастгирӣ намояд.
2. Дар ҳолати иҷро накардани ӯҳдадориҳои мазкур, фарзанди болиғу қобили меҳнат бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад

БОБИ 4

**Моддаи 12. Ӯҳдадориҳои омӯзгор, мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро танзим мекунанд**

Мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро танзим мекунанд, ӯҳдадориҳои зеринро доранд:
- ба раванди таълиму тарбия дар низоми таҳсилоти умумӣ ва иловагӣ мусоидат намоянд;
- тарзи ҳаёти солимро таблиғ ва кӯдакони болаёқатро дастгирӣ намоянд;
- кӯдаконеро, ки дар пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо саҳм гузоштаанд, ҳавасманд намоянд;
- падару модареро, ки ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худро дар таълиму тарбияи фарзанд муваффақона иҷро менамоянд, аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд гардонанд;
- оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо аз тарафи кӯдакон тадбирҳо андешанд;
- ҳангоми аз тарафи падар ё модар риоя накардани талаботи оинномаи муассисаи таълимӣ ва ӯҳдадориҳое, ки тибқи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, бо тартиби мақаррааргадида ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намоянд;
- дар муассисаҳои таълимӣ бо мақсади расонидани кӯмаки педагогӣ, равонӣ, методӣ ба падару модар «Рӯзҳои падару модар»- ро ташкил намоянд;
- дигар чорабиниҳоро оид ба масъалаҳои таълиму тарбияи кӯдакон ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ташкил намоянд;
- дигар ӯҳдадориҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, иҷро намоянд.

1. Ӯҳдадориҳои омӯзгор оид ба таълиму тарбияи кӯдак мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 13. Ӯҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак**

Ҳангоми аз таълиму тарбия дур мондани кӯдак ва ба амали номатлуб даст задани ӯ, инчунин дар мавриди муайян кардани ҳолатҳое, ки ба ҳаёт ва саломатии кӯдак таҳдид менамоянд, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ӯҳдадоранд, ки мақомоти дахлдори давлатиро огоҳ созанд.

## БОБИ 5
## Чораҳои пешгирӣ ва ҷавобгарӣ барои иҷро накардани ӯҳдадориҳо дар таълиму тарбияи фарзанд

**Моддаи 14. Чораҳои пешгирӣ барои иҷро накардан ё ба тариқи дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои падару модар**

Падару модаре, ки вобаста ба вазъи саломатӣ ва моддиашон наметавонанд ӯҳдадориҳои худро оид ба таълиму тарбияи фарзанд қисман ё пурра иҷро намоянд, аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба табобат фаро гирифта, бо кор таъмин карда мешаванд.

**Моддаи 15. Ҷавобгарии падару модар ва омӯзгор дар таълиму тарбияи фарзанд**

1. Дар ҳолати иҷро накардан ё ба тариқи дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои вобаста ба таълиму тарбияи фарзанд, ки дар Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, падару модар ва омӯзгор тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.
2. Падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии баробар доранд.

3. Падар ё модаре, ки аз фарзанд ҷудо зиндагӣ мекунанд, барои иҷро накардан ё ба тариқи дахлдор
иҷро накардани ӯҳдадориҳои падару модар, истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, ҷавобгар мебошанд.

## Низомномаи роҳбари синф

### 1. Муқаррароти умумӣ

Таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ, таърихи рушди мактабҳо ба таври боварибахш нақши муҳими роҳбари синфро дар ташаккули шахсияти хонанда собит месозад.

1.1 Дастури мазкур тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар бораи муассисаҳои таълимӣ, дастурҳои методии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташкил ва гузаронидани корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва фаъолияти роҳбари синф кори роҳбари синфро ба танзим медарорад.
1.2 Роҳбари синф - фаъолияти касбии омӯзгор буда, ба тарбияи хонандагон дар синф равона шудааст.
1.3 Роҳбари синф дар фаъолияти худ талаботи қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак ва кафолати онҳо, Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Созишномаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқиро риоя менамояд.
1.4 Фаъолияти роҳбари синф дар асоси принсипҳои демократӣ, инсондӯстӣ, арзишҳои умумиинсонӣ, ҳаёт ва саломатии кӯдакон, шаҳрвандон ва инкишофи озодонаи шахсият сурат мегирад.
1.5 Роҳбари синф бо фармони директори мактаб таъйин ва озод карда мешавад. Назорати фаъолияти ӯ бевосита аз тарафи ҷонишини директор оид ба корҳои таълимӣ ба роҳ монда мешавад. Ҳамоҳангсозии самтҳои фаъолият ва роҳбарии умумии он ба зиммаи ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ вогузор мегардад.
1.6 Роҳбари синф фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо маъмурияти таълимгоҳ, ташкилотҳои мактабӣ, падару модарон (намояндагони

воқеии кӯдакон), роҳбарони маҳфилҳо ва секцияҳои варзишӣ ба роҳ мемонад.

**2. Вазифаҳои асосӣ ва масъулияти роҳбари синф**

2.1 Вазифаҳои асосии роҳбари синф аз инҳо иборатанд:

- Ташаккули аҳли синф ҳамчун муҳити тарбиявӣ ва таъмингари рушди шахсияти ҳар як кӯдак;
- Ташкили ҳамагуна чорабиниҳои дастҷамъона ва фардӣ бо аҳли синф;
- Таъмини муҳити созгори равонӣ дар синф;
- Ба таври мақсаднок пеш бурдани тарбияи ахлоқӣ ва маънавии хонандагони синф.

2.2 Вазифа ва самтҳои фаъолияти роҳбари синф:

<u>А. Таҳлилӣ ( аналитикӣ)</u>

- Омӯзиши хусусиятҳои фардии хонандагон ;
- Таҳлил ва баҳодиҳии тарбияи кӯдак дар муҳити оила;
- Таҳлил ва баҳодиҳии самтҳои камолоти маънавии ҳар як хонанда ва аҳли синф.

<u>Б. Ташкилӣ— педагогӣ</u>

- Ҳавасмандкунии хонандагон;
- Устувор намудани алоқаи мактаб бо оила ва ҷомеа;
- Ба роҳ мондани ҳамкории аҳли синф бо муттахассисон ва муассисаҳои беруназмактабӣ;
- Ташкили корҳои тарбиявӣ бо таълимгирандагон тавассути шӯроҳои омӯзгорӣ ва ғайра

<u>В. Робитавӣ (коммуникативӣ)</u>

- Ба танзим даровардани муносибатҳои шахсии байни хонандагон ;
- Барқарор намудани муносибатҳои мӯътадили «омӯзгор—хонанда»;
- Барқарор кардани муҳити созгори равонӣ дар синф;
- Ёрии амалӣ ба таълимгирандагон дар ташаккули шахсияти онҳо.

**3. Тайёрӣ ва шароити умумии кори роҳбари синф**

Ҷузъиёти тайёрии касбии роҳбари синф:

- Дониши педагогию равонӣ оид ба хусусиятҳои синнусолии кӯдакон;
- Дониши назариявии асосҳои тарбия ва технологияи ташкили раванди тарбия;

- Донистани Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи миллии тарбия, Консепсияи миллии таҳсилот, Созишномаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ва барномаҳои давлатию санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба соҳаи маориф ;
- Донистани қоидаҳои беҳдошти мактабӣ ва риоя кардани одоби педагогӣ ;
- Донистани асосҳои қонунгузории меҳнат;
- Соҳиб будан ба маҳорат ва малакаи ташкилотчигӣ;
- Соҳиб будан ба маданият ва фарҳанги олии ахлоқию маърифатӣ;
- Донистани тарзу усулҳои кор ва истифодаи технологияи муосир (компютер, тахтаи электронӣ, интернет).

**4. Ташкили кори роҳбари синф**

4.1. Принсипҳои умумии ташкили кори роҳбари синф дар асоси меъёрҳо, қонунгузорӣ оид ба меҳнати кормандони соҳаи маориф, низомномаи мактаб ва низомномаи мазкур муқаррар мегардад.

4.2. Кори роҳбари синф бо аҳли синф ва хонандагон алоҳида дар асоси сиклограммаи мазкур ба роҳ монда мешавад

**<u>1. Ҳар рӯз:</u>**

- муайян намудани давомоти хонандагон ба дарс, ба дарс наомадан ё дер мондани онҳо, ошкор сохтани сабабҳои он ва бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ.
- ташкил ва назорати навбатдорӣ дар синф ё дарсгоҳ.
- корҳои инфиродӣ бо хонандагони синф ҳангоми мушоҳидаи норасоиҳо.

**<u>2. Дар давоми ҳафта:</u>**

- тафтиши дафтар (журнал)-и синфӣ.
- таҳлили рӯзномаи хонандагони синф.
- гузаронидани соатҳои тарбиявӣ.
- сӯҳбат бо омӯзгорони фаннӣ.
- таҳлили дараҷаи дониши хонандагон ба таври алоҳида ё якҷоя.
- ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо падару модарон

**<u>3. Давоми моҳ:</u>**

- ҳалли масъалаҳои хоҷагӣ дар синф ё дарсгоҳ.
- гузаронидани маҷлиси синфии падару модарон.
- таҳлили кори фаъолони синф.
- таҳлили рафти корҳои тарбиявӣ дар синф.

**<u>4. Дар давоми чоряк:</u>**

- тафтиши дафтар (журнал)-и синфӣ.
- иштирок дар иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо.
- таҳлили иҷрои корҳои тарбиявӣ дар давоми чоряк, ҳолати донишандӯзии хонандагон ва ба нақшагирии корҳои тарбиявӣ дар чоряки оянда.

**<u>5. Дар давоми сол:</u>**

- ба расмият даровардани парвандаҳои шахсии хонандагони синф.
- таҳлили татбиқи нақшаи тарбиявӣ дар синф, омода сохтани нақшаи тарбиявӣ барои соли оянда.
- пешниҳоди ҳисобот оид ба иҷрои барномаҳои таълимӣ дар синф, дохилшавии хатмкунандагон ба мактабҳои олӣ, миёнаи махсус ва ба кор таъминшавии онҳо.
- супоришҳо дар давраи таътил

**5. Ҳуқуқҳои роҳбари синф**

5.1. Мунтазам дар бораи вазъи саломатии ҷисмонӣ ва равонии хонандагон маълумот мегирад;
5.2. Натиҷаи фаъолияти ҳар як хонандаро таҳлил менамояд;
5.3. Ба хонандагони сустхон ва душвортарбия ёрии амалӣ мерасонад;
5.4. Ба маъмурияти мактаб, Шӯрои омӯзгорон, ташкилотҳои мактабӣ, кумитаи падару модарон аз номи аҳли синф таклиф ва дархост пешниҳод менамояд;
5.5. Бо мақсади ёрии амалию методӣ ва равонӣ ба хонандагон бо муттахассисон ва омӯзгорони фаннӣ ҳамкорӣ менамояд;
5.6. Нақшаҳои тарбиявии аҳли синфро таҳия менамояд.
5.7. Барои ба роҳ мондани тарбияи солим дар оила бо волидайни хонандагон ҳамкорӣ менамояд;
5.8. Аз натиҷаи донишандӯзӣ, одобу рафтори хонандагон дар синф ва мактаб ба маъмурияти мактаб ва падару модарони онҳо иттилоъ медиҳад;

5.9. Супориш ва талаботи роҳбарияти таълимгоҳро оид ба тарбияи хонандагон иҷро менамояд;
5.10.Дар кори сохтори худидораи мактаб, шӯрои омӯзгорӣ, иттифоқи касаба ва дигар ташкилотҳои мактабӣ иштирок менамояд;

**6. Роҳбари синф ҳуқуқ надорад:**

6.1. Шахсияти тарбиятгирандагонро паст занад, бо сухан ва амал онҳоро таҳқир кунад ва лақаб гузораду масхара кунад;
6.2.Тавассути баҳо хонандаро ҷазо диҳад;
6.3. Аз боварии кӯдак сӯистифода намуда, ӯро гумроҳ намояд;
6.4. Барои ҷазо додани хонанда аз оила (падару модар ё хешу наздикон)-и онҳо истифода кунад;
6.5. Ғоибона ба хонанда баҳои бардурӯғ ва ғаразнок гузорад.

**7. Роҳбари синф бояд тавонад:**

7.1. Муомилаи хуб бо кӯдакон;
7.2. Баҳои воқеӣ додан ба қобилият ва донишу маҳорати хонандагон;
7.3. Мақсад гузоштан ҳангоми иҷрои корҳои тарбиявӣ;
7.4. Таҳияи нақшаи корҳои тарбиявӣ дар синф;
7.5. Ташкил намудани чорабиниҳои тарбиявӣ;
7.6. Ташкил ва гузаронидани маҷлиси падару модарон;
7.7..Истифодаи тестҳои равонӣ, гузаронидани ташхисҳои омӯзгорӣ ва доир намудани пурсишҳо.

**8. Меъёри баҳогузорӣ ба кори роҳбари синф.**

8.1. Сатҳи дониши касбӣ;
8.2. Таъмини муносибати оқилонаву одилона ва судманд бо хонандагон ва аҳли синф;
8.3. Ташкил ва гузаронидани ҳар гуна чорабиниҳои тарбиявӣ дар синф, мактаб ва берун аз мактаб;
8.4. Устувор намудани робитаи мактаб бо оила ва оила бо мактаб;
8.5. Барпо намудани фазои солими таълимӣ дар синф;
8.6. Барпо намудани эҳтироми шахс, якдигарфаҳмӣ дар байни хонандагон;
8.7. Азхуд намудани арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва арҷгузорӣ ба онҳо.

## 1. Вазифаҳои хидматии омӯзгор, роҳбари синф

Вазифаи асосии муаллим, роҳбари синф ба хонандагон муҳайё кардани муҳити таълимӣ мебошад. Муҳите, ки ба рушди ақлонии онҳо созгор

буда, онҳоро рӯҳан дастгирӣ менамояд. Яъне муҳите, ки ба дарёфт кардани дониш, маҳорат ва малакаи муайяни хонандагон равона карда шудааст. Таври дигар, ин муҳит нерӯе мебошад, ки раванди таълим ва рушдро ангезиш дода, ба гузаронидани таҳқиқот мусоидат мекунад, қобилияти эҷодии хонандагонро ба низом медарорад ва ба табодули фикрҳо, рушди нутқ, маҳорати донишандӯзии доимии хонандагон кӯмак мерасонад.

Дар робита бо ин мақсад омӯзгор - роҳбари синфро зарур аст, ки чунин корҳоро анҷом диҳад:

Муҳити ҷисмонӣ, синфхона, дарсгоҳҳоеро, ки дар он хонандагон таҳсил мекунанд, ҳамаҷониба омӯхта, шароити омӯзиш фароҳам орад. Ба хонандагон дар таҳсил ёрии амалӣ расонида, ба мушоҳида гирад, ки онҳо чӣ тавр таҳсил мекунанд ва дар навбати худ дастовардҳои онҳоро баҳогузорӣ намояд.

Роҳбари синф ва омӯзгорон педагог-психолог ва ташхисгар мебошанд. Онҳо дар якҷоягӣ шахсияти ҳар як хонандаро омӯхта ба рафтору кирдораш баҳо медиҳанд. Яъне чунин ҳамдастӣ имкон медиҳад, ки онҳо шавқу ҳавас ва қобилияти хонандагонро дуруст омӯзанд ва мувофиқи он корҳои тарбиявии берунасинфӣ ва берунамактабӣ гузаронанд. Барои иҷрои пурраи ин кор ба роҳбари синф лозим меояд, ки ҳаматарафа метод ва принсипҳои таҳқиқотии педагогикаро аз худ кунад. Агар шахсияти хонанда амиқ омӯхта шавад, тарбияи он ӯ осон мегардад.

Роҳбари синф феълу атвор, рафтору кирдор, саломатии хонандагон, инчунин фаъолияти онҳоро дар мактаб ва берун аз он меомӯзад.

Барои ин ки насли наврас ҳамаҷониба рушду камол ёбад ва худогоҳу худшинос ба воя расад, аз ҳар як роҳбари синф ва омӯзгор дархост мешавад, ки дар адои вазифаи хеш масъулият эҳсос кунад ва бештар ба ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ, диққату хотира, таҳаммулпазирӣ, мустақилона андеша рондан, соҳибиродагӣ ва эҷодкории наврасон таваҷҷӯҳ зоҳир созад.

Таҳқиқот ва озмоишҳои педагогӣ собит намудаанд, ки ташкил ва гузаронидани ҳамагуна корҳои берунасинфӣ фаъолияти судманд ва босамартарин дар парваришу тарбияи мактаббачагон ба шумор меравад. Корҳои берунасинфӣ монанди мафҳумҳои таълим, тарбия, таҳсилот ва дигар истилоҳҳои марбут ба соҳаи педагогика хусусиятҳои махсусро доранд, ки онҳоро ба таври зерин баён кардан мумкин аст:

1. Соҳибихтиёрӣ додан ба хонандагон дар пазируфтани ин ё он шакли корҳои берунасинфӣ;

2. Ташаккул бахшидан ба худбаҳодиҳӣ ва худтакмилдиҳии хонандагон;
3. Ба инобат гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии ҳар як тарбиятгиранда;
4. Дар рӯҳияи вазифашиносӣ ва ҳисси масъулият тарбият намудани аҳли синф;
5. Дар ниҳоди шогирдон парваридани андешаи ваҳдат, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтиром ба якдигар;
6. Ба роҳ мондани муносибати садоқатмандонаи хонандагон ба корҳои ҷамъиятӣ.

Корҳои беруназсифӣ наврасонро ба маърифатҷӯиву доништалабӣ, худсанҷиву ташаббускорӣ ва саҳм гузоштан дар иҷрои корҳои созандагиву бунёдкорӣ тарбият мекунанд. Аз дигар тараф, хонандагон мустақилона ба намудҳои гуногуни корҳои беруназсинфӣ шомил гардида, дар бароварда сохтани ниёзмандиҳояшон ба қадри имкон ва зарурат кӯшишу ғайрат менамоянд. Аз маҳсули заҳмат ва натиҷаҳои бадастовардаашон шод гардида, маҳорату малака, тавоноӣ ва қобилияти зеҳниашонро рушду такомул мебахшанд. Илова бар ин онҳо дар корҳои беруназсинфӣ бевосита ширкат варзида, нисбат ба худ эътимод, боварии бештар ва қавитар пайдо мекунанд.

Ҷалб намудани шогирдон ба корҳои беруназсинфӣ аз он ҷиҳат мусбат арзёбӣ мегардад, ки дар ин раванд муносибат бо аҳли ҷамъият ва дар муомилаву муошират бо атрофиён боэҳтиёт дар иртибот буданро дар вуҷуди тарбиятгирандагон тақвият мебахшад. Дар баробари ин ба ҷаҳонбинӣ, донишфарогирӣ, зебопарастӣ ва ҳунаромӯзии хонандагон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Омӯзонидани усулҳои гуногуни фаъолияти гурӯҳӣ ва фардӣ ба наврасон аз муҳимтарин вазифаи ҳар як роҳбари синф ба шумор рафта, дар дуруст ба роҳ мондани корҳои гурӯҳӣ ва фардӣ масъулияти пурсамарро тақозо менамояд. Дар ин марҳила муносибатҳои маънавии байниҳамдигарии шогирдон инкишоф меёбад ва то андозае мазмуни тоза пайдо мекунад.

Умуман, гуногушаклии корҳои беруназсинфӣ тарбиятдиҳандагон ва тарбиятгирандагонро водор мекунад, ки ба моҳият ва мазмуни тадбирҳои тарбиявӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, дар амалӣ сохтани онҳо бо камоли масъулият муносибат дошта бошанд. Зеро иҷрои чунин вазифаҳои муҳим ба ташаккули сифатҳои ахлоқии наврасон, ки дар шароити кунунии муносибатҳои байналмиллалӣ рӯ ба рушд ниҳодааст, ниҳоят зарур ва созгор мебошад.

## 2. Ташкили корҳои беруназсинфӣ – омили пешрафти тарбия

Вазифаи аввалиндараҷаи роҳбари синф қабл аз ҳама шинохтани хусусиятҳои фардии ҳар як хонанда ва ҳамзамон муайян намудани хусусиятҳои хоси аҳли синф ва тибқи он ба роҳ мондани корҳои беруназсинфӣ аст. Кори тарбиявии берун аз дарс ба мустаҳкам ва дар амал истифода намудани донишҳои дар дарс ҳосилкардаи хонандагон, барои ташаккули сифатҳои иродатмандӣ ва мустаҳкам намудани хислат, инкишофи қобилият ва имкониятҳои эҷодии хонандагон кӯмак мерасонад. Кори тарбиявии беруназсинфӣ ба инкишофи ҳаматарафа ва ворид шудани хонанда ба раванди зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равона мешавад, ки дар татбиқи онҳо нақши асосиро роҳбари синф мебозад. Бояд зикр намуд, ки шакл ва роҳҳои гуногуни кори тарбиявии беруназсинфӣ барои инкишофи ҳамаҷонибаи хонандагон имконияти хуб ба вуҷуд меорад.

Гуногуншакл, шавқовар, ба дараҷаи инкишоф ва майлу рағбати хонанда мувофиқ ва дорои равияҳои фоиданок гузаронидани корҳои беруназсинфӣ аз тарафи роҳбари синф сабаби баланд бардоштани сифати он мегардад. Ҳамчунин бартарӣ пайдо кардани машғулиятҳои мустақилонаи мактаббачагон ба нақшагирӣ ва ташкили дурусти кор вобаста аст.

Намудҳои гуногуни кор ва машғулиятҳои беруназдарсии хонандагонро ба таври зайланд:

1. Ташкил ва гузаронидани ахбороти сиёсӣ;
2. Ташкил ва гузаронидани ҳафтаҳои фаннӣ;
3. Ташкил ва гузаронидани вохӯрӣ бо арбобони илму техника, пешқадамони истеҳсолот, адибон, собиқадорони меҳнат, рӯзноманигорон, кормандони ҳифзи ҳуқуқ;
4. Ташкили хониши берун аз синфӣ ё хониши хонагӣ;
5. Ба роҳ мондани мукотиба бо хонандагони дигар шаҳрҳо ва мамлакатҳои хориҷӣ;
6. Ташкил ва гузаронидани корҳои эҷодии хонандагон.
7. Ташкили ҳамкорӣ бо оилаи хонандагон ва рафтан ба хонадони онҳо;
8. Ба роҳ мондани омӯзиши асарҳо, қонунҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф;
9. Ташкил ва гузаронидани маҷлисҳои синфии падару модарон;
10. Ташкили саёҳат ба шаҳр, ҷойҳои таърихӣ,

намоишгоҳҳо, театр, кино, корхонаҳо ва ғайра;
11. Ҷалби падару модарон дар муайян сохтани мавзӯъҳои соатҳои тарбиявӣ ва иштироки онҳо ба дарсҳо;
12. Ҷалби хонандагон ба корҳои ободонӣ;
13. Назорат аз болои истифодаи самараноки қисмати соатҳое, ки ба талабагон дар нақшаи таълимӣ ҷудо шудааст.

Ҳангоми гузаронидани ҳафтаи фаннӣ чунин корҳоро анҷом додан лозим аст:
1. Мураттаб сохтани барномаи ҳафтаи фаннӣ ва тасдиқи он;
2. Ташкил ва гузаронидани ҷамъомадҳои пагоҳирӯзӣ оид ба фанҳои алоҳида;
3. Ташкил ва гузаронидани дарсҳои ғайримуқаррарӣ ва кушод оид ба фан;
4. Дар ҳамкорӣ бо хонандагон тайёр намудани баромад, маърӯзаҳо ва баррасиву таҳлили онҳо;
5. Ташкил ва гузаронидани шаби саволу ҷавоб, викторина ё конференсия;
6. Ба намоиш гузоштани корҳои эҷодии хонандагон вобаста ба фан;
7. Ташкил ва гузаронидани соати тарбиявӣ;
8. Ба намоиш баровардани барномаҳои театришуда;
9. Ҷалби шахсони маъруф, падару модарон бо назардошти хусусияти мавзӯъ дар рӯзҳои ҳафта;
10. Ҷамъбасти ҳафта ва ҳавасмандкунии хонандагон.

Дар ин раванд роҳбарони синф бо такя ба нақшаи корҳои тарбиявӣ дар мактаб ва бо назардошти мустақилият, синну сол ва талаботи равонии хонандагон дар ташаккули инсони комил, дар кори тарбияи миллӣ - гиромидошти Ватан, нангу номуси миллӣ, ки ифодагари симои зеҳнии маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва дигар арзишҳои инсонианд, комёбиҳои намоён ба даст оварда метавонанд.

Дар таъйин ва баргузидани омӯзгор ба сифати роҳбари синф, ки воқеан ҳам тақдири хонандагон аз синфи 6 то 12 ба зиммаи ӯст, маъмурияти мактабро лозим аст, ки андӯхтаҳои зеҳнӣ, пухтакорӣ, вазифашиносӣ ва таҷрибаи ғании касбии омӯзгорро ба инобат гирад. Зеро на ҳамаи омӯзгорони фаннӣ ин ҷиҳатҳои хосро дар фаъолияти кориашон ба таври

шоиста корбаст менамоянд. Бинобар ин, роҳбарияти муассисаи таълимӣ дар мавриди тавсия намудани омӯзгор ба вазифаи роҳбари синф бояд ба нуктаҳои зерин аҳамияти ҷиддӣ диҳад:

- бо донишҳои густурдаи педагогӣ ва психологӣ мусаллаҳ будани омӯзгор;
- қобилияти хуби роҳбарӣ ва ташкилотчигӣ доштани омӯзгор;
- бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ иҷро гардидани корҳои тарбиявӣ аз тарафи омӯзгор;
- байни шогирдону омӯзгорон нуфузи хоса доштани омӯзгор.

Пас аз таъйин намудани омӯзгор ба ҳайси роҳбари синф дар назди ӯ вазифаҳои мушаххас гузошта мешавад ва дар ин ҷода бо камоли масъулиятшиносӣ ва кордонӣ ранҷу заҳмат кашидани ӯ тақозо мешавад. Хулоса, омӯзгоре роҳбари синф шуда метавонад, ки дониши мукаммали назариявии педагогию психологӣ ва касбӣ, қобилияти хуби ташкилотчигӣ, кор кардан бо хонандагонро дошта, масъулиятшинос бошад. Ҳамчунин, одоби педагогиро риоя карда, тибқи «Савганди омӯзгор» амал кунад.

## 3. Роҳбари синф – равоншинос

Шинохти шахсияти наврас кори саҳлу осон нест. Дар ин самт роҳбари синфро мебояд, ки бо донишҳои густурдаи педагогӣ ва психологӣ мусаллаҳ бошад. Ин ҷиҳатҳо ба ӯ имкон медиҳад, ки шавқу рағбат ва қобилияти тавоноии хонандагони синфашро бо тамоми нозукиҳо омӯзад. Дар он сурат метавон бовар ҳосил намуд, ки роҳбари синф ба сифати тарбиятгари воқеӣ дар роҳи парваришу тарбияи наврасон қадами устувортар бардошта аст.

Бо мақсади муайян намудани омодагии психологии хонандагон роҳбари синф дар ҳамкорӣ бо омӯзгорони фаннӣ нақша ва чорабиниҳои инфиродиро оид ба омӯзиши ҳамаҷонибаи онон дар давраҳои гуногуни синнусолӣ бояд таҳия намуда, вазифаҳои худро бо назардошти хусусиятҳои фардӣ - психологии хонандагон дар рафти таълиму тарбия мураттаб гардонад. Ҳамчунин, барои инкишофи равонӣ ва шахсии хонандагон шароит муҳайё созад.

Ба роҳбари синф ва омӯзгорон лозим аст, ки давраҳои гузариш, тағйироти куллии психологиеро, ки дар ҳаёти хонандагон ба вуҷуд меоянд, зери назорати ҷиддӣ қарор дода корҳои фаҳмондадиҳӣ баранд.

Дар такя ба дастури мутахассиси илми равоншиносӣ (Нарзуллоева М. «Равоншиноси мактаб ва самтҳои фаъолияти ӯ», Душанбе 2008) мехоҳем намунаи корҳои фаҳмондадиҳиро ба таври зайл баён намоем:

1. Бурдани корҳои ташхисӣ-ислоҳӣ бо хонандагони сустхон ва беинтизом;
2. Бурдани корҳои ислоҳӣ бо хонандагоне, ки ба раванди мӯътадили таълиму тарбия ба омӯзгорон халал мерасонанд;
3. Амалӣ кардани тадбирҳои фаврӣ ҳангоми вайроншавии муносибати хонандагон бо ҳамсолон, омӯзгорон, волидон ва дигарон;
4. Додани маслиҳатҳои фардӣ ва гурӯҳӣ ба хонандагон оид ба масъалаи психологияи таълим, инкишоф, худидора, худтарбия ва роҳҳои муносибат бо ҳамсолон ва хурдсолон;
5. Расонидани ёрии амалӣ ба хонандагоне, ки дар фаро гирифтани барномаи таълим душворӣ мекашанд;
6. Бурдани корҳои тарғиботӣ бо хонандагон оид ба интихоби касб.

Бо назардошти тадбирҳои зикршуда ва бо мақсади осон намудани мушкилоти роҳбарони синфҳо роҷеъ ба дуруст ва самаранок ба роҳ мондани фаъолияти онҳо ҷиҳати муайян намудани омодагии равонии хонандагон ва расонидани ёрии амалӣ ба онҳо нақшаи зерини фаъолият пешниҳод мегардад:

| т/р | Мундаричаи фаъолият | Мӯҳлати иҷро | Мақсад | Масъу-лон |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Омӯзиши парвандаҳои шахсии хонандагони синф | сентябр | Шинос шудан бо хонандагон | Роҳбари синф |
| 2 | Омӯхтани дараҷаҳои инкишофи зеҳнӣ, иҷтимоӣ ва инкишофи хотир, диққат, эҳсос, идроки хонандагон | сентябр октябр | Муаяйн намудани омодагии равонӣ ва қобилияти хонандагон | Роҳбари синф |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3 | Муайян намудани рафтор ва кирдори хонандагон дар синф ва берун аз он | Давоми сол | Ошкор намудани хонандагоне, ки ба маслиҳати психологӣ эҳтиёҷ доранд | Роҳбари синф |
| 4 | Гузаронидани маҷлисҳои синфӣ | Тиб?и нақша | Таҳлили психологӣ | Роҳбари синф |
| 5 | Гузаронидани соатҳои тарбиявӣ | Тиб?и нақша | Таҳлили психологӣ | Роҳбари синф |
| 6 | Гузаронидани чорабиниҳои беруназдарсӣ ва берун аз мактабӣ | Тиб?и нақша | Таҳлили психологӣ | Роҳбари синф |
| 7 | Ташкили сӯҳбатҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ бо хонандагони дарсгурез ва беинтизом | Давоми сол | Таҳлили психологӣ ва ошкор намудани сабабҳо | Роҳбари синф |
| 8 | Гузаронидани сӯҳбат бо волидони хонандагони сустхон ва чапдаст | Давоми сол | Муайян намудани сабабҳо, вусъат додани ҳамкорӣ бо падару модарон ва ислоҳи ин норасоиҳо | Роҳбари синф |
| 9 | Бурдани корҳои инфиродӣ бо хонандагони гиперфаъол ва ғайрифаъол | Давоми сол | Муайян намудани омилҳо | Роҳбари синф |

Донистани хусусиятҳои фардӣ-психологии хонандагон ба роҳбари синф имкон медиҳад, ки як хонандаро аз хонандаи дигар ба осонӣ фарқ кунад

ва нисбат ба ҳар кадоми онҳо усулҳои дурусти таълиму тарбияи психологиро истифода барад, ки он боиси инкишофи қобилияти махсуси хонанда мегардад.

Дар ин самт мехоҳем нақшаи тахминии омӯзиши шахсияти хонандаро пешниҳод намоем:

1. Маълумоти умумӣ дар бораи хонанда;
2. Маълумот дар бораи аъзоёни оилаи хонанда;
3. Муносибати хонанда ба таълим;
4. Маълумоти мухтасар дар бораи ҳайати синф;
5. Маълумот дар бораи инкишофи ҷисмонӣ ва маърифатии хонанда;
6. Муносибати хонанда ба меҳнат ва иштироки ӯ дар корҳои ҷамъиятӣ;
7. Ҳаёти беруназдарсӣ ва берунамактабии хонанда.

Ин омӯзиш ба роҳбари синф имкон хоҳад дод, ки шахсияти хонандаро маълум кунад ва гурӯҳҳои кории синфиро аз ҳисоби хонандагон мувофиқи қобилияташон ба таври зерин муайян созад:

а) гурӯҳи ташвиқотиву тарғиботӣ;
б) гурӯҳи таълимӣ;
в) гурӯҳи корҳои беруназсинфӣ;
г) гурӯҳи маърифатӣ;
ғ) гурӯҳи санитарию гигиенӣ;
д) гурӯҳи варзиш ва саёҳат;
е) гурӯҳи хоҷагӣ ва (худхизматрасонӣ);
ё) гурӯҳи кор бо духтарон.

Кори тарбиявии роҳбари синф ҳамон вакт самаранок мегардад, ки вай хонандагонро бо ҳам муттаҳид созад. Воқеан ҳам тарбияи коллективӣ умдатарин талаботи педагогикаи муосир мебошад. Агар муттаҳидӣ дар синф барқарор гардад, пас ҳамаи камбудиҳои ҳайати синфро омӯхтан осон мешавад.

Муттаҳидӣ, ҳамрайъӣ, ҳамдигарфаҳмиву дӯстдории якдигар аз ҷумлаи хислатҳоест, ки мактабиён бояд дар ин рӯҳия ба камол расанд. Дар ин ҷода заҳмати пайгиронаи роҳбари синф зарур аст. Зеро ба туфайли заҳматҳои пайвастаи роҳбари синф ин гуна фазилатҳои ҳамида дар хулқу атвори наврасон ривоҷ ва такмил меёбад. Илова бар ин омӯзгорони фаннӣ низ дар тарбияи сифатҳои ахлоқии аҳли синф нақши намоён мебозанд. Роҳбари синф бо мадад ва роҳнамоии омӯзгорони фаннӣ муваффақ мегардад, ки кадом хонанда то чӣ андоза дар фаро гирифтани

маводи таълимӣ қудрат дорад ва ё майли ӯ ба омӯхтани кадом фан зиёдтар аст. Донистан ва ба инобат гирифтани ин омилҳо кори тарбиявии роҳбари синфро андак бошад ҳам сабук мекунад. Бо назардошти талаботи мавҷуда бо хонандагони синф ҳамеша сӯҳбатҳои ахлоқӣ баргузор намудан манфиатнок хоҳад буд. Кори роҳбарони синфҳо ҳамон вақт муваффақият пайдо мекунад, ки ба тариқи фардӣ ва гурӯҳӣ перомуни масъалаҳои гуногун ва ба ҳаёти шогирдон наздик дарсҳои тарбиявӣ созмон диҳанд.
Иртиботи пойдор ва мақсаднок бо омӯзгорони фаннӣ аз чанд ҷиҳат судбахш мебошад. Дар қадами нахуст роҳбари синфро мебояд, ки ба қадри имкон ба хотири тавоноӣ ва қобилияти хонандаи синфро санҷидан ва бар асоси он натиҷаҳои амиқ ва даркорӣ бардоштан ба дарсҳои омӯзгорон ворид шавад. Бо як бору ду бор иштирок намудан дар дарсҳо наметавон роҳи ҳалли ин матлабро дарёфт намуд. Аз ин рӯ, роҳбари синфро зарур аст, ки дар ҷараёни таҳсилоти мактабӣ шогирдонашро мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор диҳад ва фикру мулоҳизаҳои омӯзгоронро низ нисбат ба ҳар як хонанда ба инобат гирад. Ҳамчунин, омӯзгори фаннӣ вазифадор аст, ки дар равиши дарс бо пайдо кардани вақти муносиб доир ба масъалаҳои мухталифи ахлоқӣ аз суханони ибратомӯз ва ҳикматомез истифода барад. Гузашта аз ин, шогирдонро дар рӯҳияи худтакмилдиҳию худбаҳодиҳӣ, ҷӯяндагиву масъулият тарбият намудан аз муқаддастарин вазифаи ҳар як роҳбари синф ба шумор меравад. Вазифаи асосии дигари роҳбари синф ин аст, ки ба фаъолияти фикрӣ ва ҷисмонии шогирдон ошноии комил пайдо карда тавонад. Муваффақ гардидан ба ин ҳадаф ба якборагӣ роҳбари синфро даст намедиҳад, балки эҳтиёҷ ба замон дорад. Яъне шахсияти ҳар як шогирдро дар алоҳидагӣ бояд шинохт ва дар ҳолати зарурӣ мувофиқ ба хулқу хӯи шогирдон корҳои фаҳмондадиҳӣ ва муносибат намуданро роҳандозӣ кард.

## 4. Банақшагирии ҳуҷҷатҳои роҳбари синф

Масъалаи тарбия аз муҳимтарин масъалаҳои соҳаи маориф ба ҳисоб меравад ва дар ин ҷода роҳбари синф ҳамчун батанзимоварандаи корҳои тарбиявӣ дар мактаб нақши боарзиш ва асосӣ дорад. Аз ин ҷост, ки роҳбари синф дар корбаст намудани маводи тарбиявӣ, таҳияи нақшаҳои корӣ ва тарбиявӣ эҳтиёҷ ба ёрии методӣ дошта, ҳама вақт ба душворӣ рӯбарӯ мегардад. Бо назардошти талаботи замон нақшаҳои кории роҳбари синф мушаххас нишон дода шудааст. Барои шахсони масъул

истифода аз ин дар танзими чараёни корҳои тарбиявӣ аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

**<u>Ҳуҷҷатҳои роҳбари синф</u>**

1.Нақшаи маҷлисҳои синфӣ ва маҷлисҳои синфии волидайн
2. Нақшаи дарсҳои тарбиявӣ;
3. Нақшаи корҳои тарбиявии синфӣ;
4. Нақшаи ҳафтаинаи роҳбари синф;
5. Нақшаи худомӯзӣ;
6. Дафтари иштирок ба дарсҳо;
7. Дафтари санҷиши ҳолати рӯзномаҳои хонандагон;
8. Дафтари қарори маҷлисҳои падару модарон;
9. Дафтари қарори маҷлисҳои синфӣ;
10. Дафтари санҷиши ҳолати дафтарҳои хонандагон.

**1. Намунаи нақшаи маҷлисҳои падару модарон**

**<u>Маҷлиси якум (сентябр)</u>**

1. Интихоби ҳайати нави кумитаи падару модарон бо тақсими вазифаҳо байни онҳо;
2. Ӯҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд (моддаи 7), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»;
3. Қоидаҳои талабагӣ ва риояи реҷаи рӯзи хонандагон дар оила;
4. Масъалаҳои ҷорӣ.

**<u>Маҷлиси дуюм (декабр)</u>**

1. Тадбирҳо барои таъмини ягонагии талаботи ахлоқию маънавии хонандагон дар оила ва мактаб;
2. Паҳн намудани таҷрибаи оилаҳои беҳтарин;
3. Тарбияи тарзи ҳаёти солим;
4. Натиҷаи ҷамъбасти чоряки дуюм (нимсолаи якуми соли хониш);
5. Масъалаҳои ҷорӣ.

**<u>Маҷлиси сеюм (март)</u>**

1. Мавқеи оила дар тарбияи хештаншиносии хонандагон;
2. Натиҷаи ҷамъбасти чоряки сеюм;
3. Намоиши корҳои эҷодии хонандагон;
4. Масъалаҳои ҷорӣ.

**Маҷлиси чорум (май)**

1. Ҳамкории оила бо мактаб оид ба пешгирии ҷиноят дар байни хонандагон;
2. Фаъолияти хонандагони мактаб дар гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ;
3. Натиҷаи ҷамъбасти чоряки чорум (нимсолаи дуюми соли хониш);
4. Ҷамбасти кори солонаи кумита ва вазифаҳои падару модарон дар таътили тобистона;
5. Масъалаҳои ҷорӣ.

## 2. Намунаи нақшаи маҷлисҳои синфии хонандагон

**Маҷлиси якум (сентябр)**

1. Баррасии нақшаи солонаи маҷлиси синфӣ барои соли хониши нав;
2. Интихоби садорати синф.
3. Омодагӣ ба ташкил, гузаронидани иди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
4. Баррасӣ ва тасдиқи тартиби навбатдорӣ дар синф ;
5. Ахбори сиёсиву фарҳангӣ.

**Маҷлиси дуюм (октябр)**

1. Ҳолати китобҳои дарсӣ ва таъмини хонандагони синф бо он (гузориши сардори синф).
2. Натиҷаи аз тарафи хонандагон азхуднамудани муқаддасоти миллӣ: Нишони давлатӣ, Парчам, Суруди миллӣ, Конститутсия, пойтахт, марз, забони давлатӣ ва асъори миллӣ.
3. Ваъзи иҷрои супориши хонагӣ аз фанни забони хориҷӣ (гузориши муаллими забони хориҷӣ).
4. Ахбори сиёсиву фарҳангӣ.

**Маҷлиси сеюм (ноябр)**

1. Дараҷаи дониши хонандагон аз фанҳои таълимӣ (гузориши раиси комиссияи хониш);
2. Вобаста намудани хонандагони сустхон ба аълохонҳо;
3. Ҳолати дафтарҳои хонандагон (гузориши роҳбари синф);
4. Ахбори сиёсиву фарҳангӣ.

**Маҷлиси чорум (декабр)**

1. Муҳокимаи хонандагони сустхон ва беинтизом;

2. Ҷамъбасти чормоҳаи мусобиқаи синфӣ;
3. Рафтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ;
4. Ахбори сиёсиву фарҳангӣ.

**Маҷлиси панҷум (январ)**

1. Ҳолати тозагии синф ва риояи сарулибоси мактабӣ, тозагӣ аз тарафи хонандагон (гузориши раиси комиссияи тозагӣ);
2. Иҷрои талаботи маънавӣ-ахлоқӣ дар байни хонандагон (гузориши комиссияи тозагӣ);
3. Вазъи иҷрои супориши хонагӣ аз фанни адабиёти тоҷик (гузориши муаллимаи фанни адабиёт);
4. Ахбори сиёсиву фарҳангӣ.

**Маҷлиси шашум (феврал)**

1. Тайёрӣ ба таҷлили Рӯзи Артиши миллӣ ва Рӯзи модар (гузориши роҳбари синф);
2. Таҳлили иштироки хонандагон дар корҳои ҷамъиятии мактаб (гузориши ҷонишини директор оид ба тарбия);
3. Парвариши хонандагон дар рӯҳияи зебопарастӣ ва меҳнатдӯстӣ (гузориши роҳбари синф);
4. Ахбори сиёсиву фарҳангӣ.

**Маҷлиси ҳафтум (март)**

1. Омодагӣ барои гузаронидани «Иди Наврӯз»;
2. Натиҷаи санҷиши рӯзномаҳои хонандагон (гузориши роҳбари синф;
3. Вазъи иҷрои супориши хонагӣ аз фанни математика (гузориши муаллими фанни математика);
**4.** Ахбори сиёсию фарҳангӣ.

**Маҷлиси ҳаштум (апрел)**

1. Тайёрии хонандагон ба имтиҳонҳои гузариш (хатм).
2. Ахбори раиси комиссия оид ба меҳнат;
3. Нақши оила дар тарбияи наврасон (маърӯзаи роҳбари синф);
4. Ахбори сиёсию фарҳангӣ.

**Маҷлиси нӯҳум (май)**

1. Баррасии давомоти хонандагон дар соли хониши сипаригардида;
2. Ахбори комиссияи талабагӣ доир ба корҳои иҷрогардида;
3. Ахбори сиёсиву фарҳангӣ;
4. Вазифаҳои хонандагон дар давоми таътил.

## 3. Намунаи мавзӯъҳои соатҳои тарбиявӣ

| Т/р | Номгӯи мавзӯъҳо | Муддати иҷро | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1. | Дониш андар дил чароғи равшан аст | | |
| 2. | Зи истиқлол бувад иқболи Тоҷик | | |
| 3. | Тоҷикистон - хонаи умеди ман | | |
| 4. | Некӣ бимонад ҷовидон | | |
| 5. | Тоҷикистон ва замони муосир | | |
| 6. | Қадри волидонро бидонед | | |
| 7. | Ҷабри устод беҳ аз меҳри падар | | |
| 8. | Тавонгарӣ ба илм аст, на ба мол | | |
| 9. | Бахтномаи мо | | |
| 10. | Каҳрамонони Тоҷикистон | | |
| 11. | Одоби донишандӯзӣ | | |
| 12. | Қадри устод бидон, то қадри худ дорӣ ба ҷо | | |
| 13. | Ҷавонмарду саховатпеша бош | | |
| 14. | Одоби сухан гуфтан | | |
| 15. | Кушодчеҳраву меҳрубон бош | | |
| 16. | Модар, модар, ту ибтидоям будӣ | | |
| 17. | Реҷаи рӯз ва риояи он | | |
| 18. | Инсони боадаб кист? (муколама) | | |
| 19. | Одоби ҳамсоядорӣ | | |
| 20. | Шаҳрҳои қадимаи тоҷикон | | |
| 21. | Чу узве ба дард оварад рӯзгор | | |
| 22. | Кина чист? | | |
| 23. | Китоб - манбаи дониш | | |
| 24. | Эҳтироми ҳамсолон ва калонсолон | | |
| 25. | Алҳазар аз нашъамандӣ | | |
| 26. | Ёди шаҳидони Ватан ҳамеша бо мост | | |
| 27. | Худогоҳ, хештаншиносу ватанпараст кист? | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 28. | Мақоми зан дар ҷомеаи инсонӣ | | |
| 29. | Муҳити зист ва ҳифзи он | | |
| 30. | Тарзи ҳаёти солим ва нақши он дар зиндагӣ | | |
| 31. | Одоби зист дар хона | | |
| 32. | Мероси падар хоҳӣ, касби падар омӯз | | |
| 33. | Одамон аз дустӣ ёбанд бахт | | |
| 34. | Ман дар як соли хониш чиҳоро омӯхтам (иншо) | | |

## 4. Намунаи нақшаи корҳои тарбиявии синфӣ

### 1. <u>Маълумотномаи синф</u>

| /р | Ному насаби хонандагон | Рӯз, моҳ ва соли таваллуд | Вазифаи ҷамъиятӣ |
|---|---|---|---|
| **1.** | | | |
| | | | |

### 2. <u>Чорабиниҳои ташкилӣ-педагогӣ</u>

| Р\т | Номгӯи тадбирҳо | Муддати ичро | Шахси масъул |
|---|---|---|---|
| 1. | Тартиб додани нақшаи тарбиявии умумимактабӣ | август | Маъмурият |
| 2. | Таҳияи ҷадвали корҳои беруназсинфӣ | август | Маъмурият |
| 3. | Гузаронидани Рӯзи дониш | 1.09. | Маъмурият, роҳбарони синфҳо |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 4.. | Шинос намудани аҳли мактаб бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», тартиботи дохилимактабӣ ва риояи талаботи Қонуну тартиботи мазкур дар мактаб | сентябр | Маъмурият |
| 5. | Аз назорати тиббӣ гузарони-дани хонандагон | сентябр | Роҳбари синф |
| 6. | Гузаронидани шанбегиҳо | дар зарурат | Роҳбари синф ва аҳли синф |
| 7. | Гузаронидани Рӯзи китоб<br>Гузаронидани Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон,<br>Гузаронидани Рӯзи Рӯдакӣ<br>Гузаронидани Рӯзи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ | 4.09<br>9.09.<br>22.09.<br>30.09 | Аҳли синф, омӯзгорони фаннӣ |
| 8. | Гузаронидани Рӯзи омӯзгорон ва Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Якшанбе якуми октябр<br>5.10. | Роҳбари синф, аҳли синф |
| 9. | Таҷлили Рӯзи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 06.11.<br>24.11. | Роҳбари синф, аҳли синф |
| 10. | Гузаронидани Рӯзи ҳуқуқи инсон | 10.12. | Омӯзгори фанни ҳуқуқ |
| 9. | Гузаронидани иди Соли нав | 1-январ | Роҳбари синф, аҳли синф |
| 10. | Ҷашн гирифтани Рӯзи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 23.02. | Омӯзгори фан. Таърих, Аҳли синф |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 11. | Ҷашн гирифтани Рӯзи модар | 8-март | Аҳли синф |
| 12. | Гузаронидани Рӯзи зиёиёни эҷодкор<br>Ҷашни Иди байналмилалии Наврӯз | 20.03.<br><br>21-24.03. | Роҳбари синф, аҳли синф |
| 13. | Г узаронидани Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Шанбеи сеюми апрел | Роҳбари синф, аҳли синф |
| 14. | Гузаронидани Рӯзи байналмилалии якдилии меҳнаткашон<br>Гузаронидани Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ | 1-май<br><br>9- май | Роҳбари синф, аҳли синф |
| 15. | Гузаронидани Рӯзи падару модар дар мактаб | Тибқи нақша | Маъмурият |

**3. Тарбияи ғоявӣ**

| Т/р | Номгӯи тадбирҳо | Муддати иҷро | Шахси масъул |
|---|---|---|---|
| 1. | Сӯҳбат оид ба маҳфуми ғояҳои миллӣ | Сентябр | Роҳбари синф |
| 2. | Ҳимояи давлат фарз аст (иншо) | октябр | Аҳли синф |
| 3. | Тоҷикистон - давлати соҳиб-истиқлол (иншо) | ноябр | Аҳли синф |
| 4. | Гузаронидани конференсия дар мавзӯи «Тоҷикистон дар оинаи таърих» | январ | Аҳли синф |
| 5. | Оиндаи кишварро чӣ тавр тасаввур мекунӣ? (сӯҳбат) | апрел | Аҳли синф |

**4. Тарбияи миллӣ**

| Т/р | Номгӯи тадбирҳо | Муддати иҷро | Шахси масъул |
|---|---|---|---|

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1. | Омӯхтани рамзҳои давлатӣ ва эҳтиром гузоштан ба онҳо | сентябр | Аҳли синф |
| 2. | Забони мо - ҳастии мо (сӯҳбат) | октябр | Роҳбари синф |
| 3. | Эҳтироми оромгоҳҳо ва ҷойҳои таърихию фарҳангии диёр | ноябр | Аҳли синф |
| 4. | Омода кардани лавҳаи «Маънии тоҷик» | декабр | Аҳли синф |
| 5. | Гузаронидани озмуни қироати шеър дар васфи миллат | апрел | Маъмурият |
| 6. | Омӯзиши асарҳои Президенти мамлакат | мунтазам | Аҳли синф |
| 7. | Гузаронидани сӯҳбат дар мавзӯи «Тарзи гуфтори дарӣ ширинтар аст» | май | Роҳбари синф |

**5.Тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ**

| **Т/р** | **Номгӯи тадбирҳо** | **Муддати иҷро** | **Шахси масъул** |
|---|---|---|---|
| 1. | Маълумот дар бораи мафҳуми хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ | мунтазам | Роҳбари синф |
| 2. | Эҳтиром гузоштан ба муқад-дасоти миллӣ (сӯҳбат) | декабр | Роҳбари синф |
| 3. | Дар қалби шогирдон парвари-дани меҳри Модар – Ватан | мунтазам | Роҳбари синф |
| 4. | Гузаронидани сӯҳбат бо олимон ва адибон оид ба таърих, тамаддуни тоҷикон | апрел | Роҳбари синф, аҳли синф |
| 5. | Гузаронидани хониши асарҳои илмӣ ва бадеию таърихӣ | мунтазам | Китобдор, роҳбари синф |

**6.Тарбияи ватандӯстӣ**

| Т/р | Номгӯи тадбирҳо | Муддати иҷро | Шахси масъул |
|---|---|---|---|
| 1. | Сӯҳбат дар мавзӯи Ватан – модар | октябр | Роҳбари синф |
| 2. | Тоҷикистон - кишвари ман (иншо) | декабр | Аҳли синф |
| 3. | Ватанпарастӣ арзиши муқад-дас аст (сӯҳбат) | март | Роҳбари синф |
| 4. | Сӯҳбат дар мавзӯи «Ватандӯст метавонад ободии Ватанро таъмин созад» | апрел | Роҳбари синф |
| 5. | Насби гӯша бо номи «Тоҷикистон сарзамини биҳиштосо аст» | апрел | Аҳли синф |

**7.Тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ**

| Т/р | Номгӯи тадбирҳо | Муддати иҷро | Шахси масъул |
|---|---|---|---|
| 1. | Хислатҳои ҳамидаи инсонӣ (сӯҳбат) | мунтазам | Роҳбари синф |
| 2. | Қадри илму дониш (сӯҳбат) | мунтазам | Роҳбари синф |
| 3. | Ҳурмати калонсолон ва ҳамсабақон (сӯҳбат) | мунтазам | Роҳбари синф |
| 4. | Рафтору кирдор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ (сӯҳбат) | мунтазам | Роҳбари синф |
| 5. | Саховатмандӣ пешаи бузургон аст (иншо) | ноябр | Аҳли синф |
| 6. | Ахлоқ ва фаъолияти шаҳрванд (сӯҳбат) | мунтазам | Роҳбари синф |
| 7. | Омӯзиши асарҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон. | апрел | Аҳли синф |
| 8. | Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек (сӯҳбат) | май | Роҳбари синф |

## 8. Тарбияи маърифатӣ

| Т/р | Номгӯи тадбирҳо | Муддати иҷро | Шахси масъул |
|---|---|---|---|
| 1. | Гузаронидани сӯҳбат дар мавзӯи «Шахси бомаърифат  кист?» | октябр | Роҳбари синф |
| 2. | Маънавиёт манбаи асосии тарбияи миллист (иншо) | декабр | Аҳли синф |
| 3. | Мактаб-- макони илму маъ-рифат (сӯҳбат) | январ | Роҳбари синф |
| 4. | Баланд гардидани маънавиёти наврасон - омили рушди ҷомеа | феврал | Роҳбари синф |

## 9. Тарбияи ҳуқуқӣ

| Т/р | Номгӯи тадбирҳо | Муддати иҷро | Шахси масъул |
|---|---|---|---|
| 1. | Омӯхтани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ: Конститутсияи (Сарқонун)- и Ҷумҳурии Тоҷикистон,  Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»,  Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи  миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | мунтазам | Аҳли синф |
| 2. | Насби  гӯшаи  «Инсон ва ҳуқуқ» | октябр | Аҳли синф |
| 3. | Омӯзонидани ҳуқуқ ва вазифа-ҳои хонандагон | ноябр | Роҳбари синф |
| 4. | Гузаронидани вохӯрӣ бо кормандони ҳифзи ҳуқуқ | декабр | Роҳбари   синф, аҳли синф |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 5. | Конститутсия - бахтномаи миллат (иншо) | апрел | Аҳли синф |

**10. <u>Тарбияи башардӯстӣ (гуманистӣ)</u>**

| Т/р | **Номгӯи тадбирҳо** | **Муддати иҷро** | **Шахси масъул** |
|---|---|---|---|
| 1. | Башардӯст кист? (сӯҳбат) | сентябр | Роҳбари синф |
| 2. | Башардӯстӣ дар осори классикони тоҷику форс(иншо) | октябр | Аҳли синф |
| 3. | Бани одам аъзои якдигаранд… (иншо) | декабр | Аҳли синф |
| 4. | Муносибат бо ҳамдарсон, омӯзгорон ва ашхоси ношинос | феврал | Роҳбари синф |
| 5. | Одоби ҳамсоядорӣ (сӯҳбат) | апрел | Роҳбари синф |

**11. <u>Тарбияи зебопарастӣ</u>**

| Т/р | **Номгӯи тадбирҳо** | **Муддати иҷро** | **Шахси масъул** |
|---|---|---|---|
| 1. | Сӯҳбат оид ба маҳфуми зебо-парастӣ | октябр | Роҳбари синф |
| 2. | Хондани асарҳои бадеӣ | мунтазам | Аҳли синф |
| 3. | Саёҳат ба ҷойҳои таърихиву фарҳангӣ | тибқи нақша | Роҳбари синф |
| 4. | Зебопарастӣ маърифати инсонро ғанӣ мегардонад (иншо) | март | Аҳли синф |
| 5. | Эҳтиром ба табиат, муҷас-самаҳо, мусаввараҳо ва ёдгориҳои таърихӣ (сӯҳбат) | апрел | Роҳбари синф |

**12. <u>Тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касб</u>**

| Т/р | **Номгӯи тадбирҳо** | **Муддати иҷро** | **Шахси масъул** |
|---|---|---|---|

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1. | Шинос кардани аҳли мактаб ба Консепсияи раҳнамои касбии хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон №499 аз 02.10.2010 | мунтазам | Роҳбари синф, омӯзгори меҳнат |
| 2. | Гузаронидани мизи мудаввар ва вохӯрӣ бо собиқадорони меҳнат | ноябр | маъмурият |
| 3. | Таъмини хонандагон бо иттилооти зарурӣ оид баимкониятҳои касбӣ дар самти соҳаҳои интихобшуда | Тибқи нақша | Маъмурият, омӯзгори касбу ҳунар |
| 4. | Берун аз дарс ҷалб намудани хонандагон ба эҷодиёти техникию бадеӣ | Тибқи нақша | Омӯзгори касбу ҳунар |
| 5. | Ташкили гӯшаи «Интихоби касб» | декабр | Аҳли синф |
| 6. | Ташкили намоишгоҳи «Дас-тони моҳир» | март | Аҳли синф |
| 7. | Ташкили саёҳат ба корхонаю фабрикаҳо | март | Роҳбари синф |
| 8. | Гузаронидани пурсиш оид ба интихоби касбу ҳунар | апрел | Омӯзгори касбу ҳунар |
| 9. | Гузаронидани конфронс дар мавзӯи «Ҳунар беҳ аз хирвори зар аст» | май | Роҳбари синф ва омӯзгорон |
| 10. | Гузаронидани «Ҳафтаи интихоби касб» | Соле як маротиба | Маъмурият |

## 13. Тарбияи иқтисодӣ

| Т/р | Номгӯи тадбирҳо | Муддати иҷро | Шахси масъул |
|---|---|---|---|

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1. | Беҳтар ба роҳ мондани масъалаи сарфаву саришта-корӣ дар мактаб | мунтазам | Роҳбари синф |
| 2. | Сӯҳбат оид ба қадри нон | октябр | Роҳбари синф |
| 3. | Сӯҳбат оид ба эҳтироми асъори миллӣ | ноябр | Роҳбари синф |
| 4. | Сӯҳбат доир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими расму оин ва маросимҳои миллӣ» | декабр | Аҳли синф |
| 5. | Сӯҳбат оид ба моликияти ҷамъиятӣ ва ҳифзи он | феврал | Роҳбари синф |
| 6. | Доир намудани конфронс дар мавзӯи «Иқтисоди бозоргонӣ - омили пешрафти ҷомеа» | апрел | Аҳли синф |

**14. Тарбияи экологӣ**

| Т/р | Номгӯи тадбирҳо | Муддати иҷро | Шахси масъул |
|---|---|---|---|
| 1. | Мафҳуми экология чист? (сӯҳбат) | сентябр | Роҳбари синф |
| 2. | Ҳифзи муҳити зист (сӯҳбат) | октябр | Роҳбари синф |
| 3. | «Об - манбаи ҳаёт» (сӯҳбат) | ноябр | Роҳбари синф |
| 4. | Ҳифзи саломатии хонандагон дар мактаб | мунтазам | Омӯзгорон |
| 5. | «Тозагӣ - гарави саломатӣ» (иншо) | март | Аҳли синф |

**15. Тарбияи сиёсӣ**

| Т/р | Номгӯи тадбирҳо | Муддати иҷро | Шахси масъул |
|---|---|---|---|

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1. | Ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон тибқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон (сӯҳбат) | сентябр | Роҳбари синф |
| 2. | Сохтор ва нерӯҳои сиёсии ҷомеа (сӯҳбат) | ноябр | Роҳбари синф |
| 3. | Инсон ва ҳуқуқ (иншо) | декабр | Аҳли синф |
| 4. | Интихобот ва интихобшаванда (сӯҳбат) | феврал | Роҳбари синф |
| 5. | Ҳизбҳои сиёсӣ ва фаъолияти онҳо дар Тоҷикистон (сӯҳбат) | март | Роҳбари синф |

**16. <u>Тарбияи ҷисмонӣ</u>**

| Т/р | Номгӯи тадбирҳо | Муддати иҷро | Шахси масъул |
|---|---|---|---|
| 1. | Тарбияти бадан фарз аст (сӯҳбат) | октябр | Роҳбари синф |
| 2. | Варзиш - кафили тандурустӣ (сӯҳбат) | ноябр | Роҳбари синф |
| 3. | Солимии ҷомеа - боигарии асосии давлат (сӯҳбат) | март | Роҳбари синф |
| 4. | Саёҳат ба табиат | аз рӯи имкон | Аҳли синф |
| 5. | Истироҳати хуб - кафили саломатӣ (сӯҳбат) | апрел | Роҳбари синф |

**17. <u>Тарбияи тафаккури интиқодӣ</u>**

| Т/р | Номгӯи тадбирҳо | Муддати иҷро | Шахси масъул |
|---|---|---|---|
| 1. | Тафаккури интиқодӣ— омили асосии ошкор ва бартараф кардани камбудиҳо (сӯҳбат) | сентябр | Роҳбари синф |
| 2. | Танқид манбаи пешравист (сӯҳбат) | ноябр | Роҳбари синф |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 3. | Озодии сухан (сӯҳбат) | декабр | Роҳбари синф |
| 4. | Ҷомеа ва тафаккури интиқодӣ (сӯҳбат) | январ | Роҳбари синф |

**18. Тарбияи таҳаммул ва тоқатпазирӣ**

| Т/р | Номгӯи тадбирҳо | Муддати иҷро | Шахси масъул |
|---|---|---|---|
| 1. | Мафҳуми таҳаммул ва тоқатпазирӣ чист? (сӯҳбат) | ноябр | Роҳбари синф |
| 2. | Гузаронидани конфронс дар мавзӯи: «Таҳаммулпазирӣ дар осори ниёгон» | ноябр | Аҳли синф |
| 3. | Гузаронидани вохӯрӣ бо устодон, адибон ва шахсиятҳои барӯманд роҷеъ ба аҳамияти таҳаммулпазирӣ | март | Аҳли синф |
| 4. | Омӯзиши асарҳои бадеӣ ва осори ниёгон | мунтазам | Аҳли синф |

**19. Тарбияи масъулиятшиносӣ**

| Т/р | Номгӯи тадбирҳо | Муддати иҷро | Шахси масъул |
|---|---|---|---|
| 1. | Масъулиятшиносӣ сифати муҳими шахс аст (сӯҳбат) | ноябр | Роҳбари синф |
| 2. | Масъулиятшиносӣ -пешрафти оромии зиндагӣ ва кор (иншо) | январ | Аҳли синф |
| 3. | Шаҳрванди масъулиятшинос - фонди тиллоии ҷомеа (сӯҳбат) | апрел | Роҳбари синф |
| 4. | Масъулиятшиносӣ - таҳкимбахши фаъолияти меҳнатӣ (сӯҳбат) | май | Роҳбари синф |

**20. Тарбияи ҳаёти солим**

| Т/р | Номгӯи тадбирҳо | Муддати иҷро | Шахси масъул |
|---|---|---|---|
| 1. | Тартиб додани реҷаи рӯз ва иҷрои бевоситаи он аз тарафи хонандагон | сентябр | Роҳбари синф |
| 2. | Ташкили кумитаи тозагии синфӣ | сентябр | Роҳбари синф |
| 3. | Сӯҳбат оид ба аҳамияти варзиш | мунтазам | Роҳбари синф |
| 4. | Гигиенаи шахсӣ ва риояи он (сӯҳбат) | октябр | Роҳбари синф |
| 5. | Ташкили мусобиқаҳои варзишӣ | тибқи нақша | Аҳли синф |
| 6. | Касалиҳои сирояткунанда ва роҳҳои пешгирии он (сӯҳбат) | ноябр | Табибон |

### 21. <u>Кор бо падару модарон ва аҳли ҷомеа</u>

| Т/р | Номгӯи тадбирҳо | Муддати иҷро | Шахси масъул |
|---|---|---|---|
| 1. | Ҷалби волидайн ба корҳои таълиму тарбия | мунтазам | Роҳбари синф |
| 2. | Бо волидйн мавриди баррасӣ қарор додани ӯҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд боби 2, (моддаҳои 5.6.7», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» | мунтазам | Роҳбари синф |
| 3. | Гузаронидани маҷлисҳои синфии падару модарон | тибқи нақша | Роҳбари синф |
| 4. | Ташкили гӯшаи «Оилаи беҳтарин» | октябр | Аҳли синф |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 5. | Гузаронидани «Рӯзҳои падару модар» | тибқи нақша | Маъмурият |

**22. <u>Кор бо созмонҳои талабагӣ</u>**

| **Т/р** | **Номгӯи тадбирҳо** | **Муддати иҷро** | **Шахси масъул** |
|---|---|---|---|
| 1. | Ташкили органҳои худидора | сентябр | Роҳбари синф |
| 2. | Густариш ҳамкорӣ бо созмони талабагии мактаб | мунтазам | Роҳбари синф |
| 3. | Ба сафи созмон қабул кардани хонандагон | тибқи нақша | Роҳбари синф |
| 4. | Гузаронидани машварат бо фаъолони синф | октябр | Роҳбари синф |
| 5. | Ташкили навбатдорӣ дар синф ва мактаб | тибқи нақша | Роҳбари синф |

## 5.Тарҳи дафтарҳо

Яке аз вазифаҳои дигари роҳбари синф санҷиши вазъи дафтарҳо ва рӯзномаҳои хонандагон аст. Барои дуруст ба роҳ мондани он намунаи дафтарҳои санҷиширо ба таври зерин пешниҳод менамоем:

**<u>Дафтари санҷиши холати рӯзномаҳои хонандагон</u>**

| **Таърихи рӯз** | **Синф** | **Ному насаби хонанда-гон** | **Миқдори баҳоҳо дар рӯзнома** | **Миқдори баҳоҳо дар дафтари синфӣ** | **Камбудиҳо** | **Чораҷӯӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |

**<u>Дафтари санҷиши ҳолати дафтарҳои хонандагон</u>**

| Таърихи рӯз | Синф | Ному насаби хонанда-гон | Ҳолати дафтар | Санҷиши супоришҳои хонагӣ аз тарафи омӯзгорон | Камбудиҳо | Чораҷӯӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |

**Дафтари иштирок ба дарсҳо**

| Таърихи рӯз | Маълу-моти умумӣ | Мақ-сади ишти-рок | Фаъолияти хонандагон дар раван-ди дарс | Фаъо-лияти муал-лим дар дарс | Мас-лиҳат-ҳои методӣ | Хулос а |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |

**Дафтари худомӯзӣ**

| Маълумоти методӣ | Мавзӯъҳои илмӣ | Номгӯи адабиёт | Фаъолияти муаллим | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|

Ба чоп супорида шуд 31.03.2011 сол
Ко?ази офсетӣ. Адади нашр 300
Нашриёти «Сифат»
Душанбе - 2011